# ГУМРОХ НАБОЯД ШУД

Дар Куръони Карим омадааст, ки мусулмон бародари мусулмон аст. Нохаккона хун рехтан гунохи азим аст. Вале дар давлатхо ва минтаъкахои  алохида гурӯху харакатхои террористӣ ва тундрав ба монанди ба ном “Давлати исломӣ”, “Салафия”, “Бародарони мусулмон”, “Харакати исломии Узбекистон”, “Хизби нахзати ислом” ва гайрахо амал дошта, онхо равиши тундгароӣ ва ифротгароӣ доранд. Ин гурӯххо ба ном исломианд, аммо дар асл ба дини мубин ягон алокае надошта, худ харакату гурӯххои террористӣ мебошанд. Дар натича мусулмон ба мукобили мусулмон мечангад, хуни нохак мерезад.

Харакатхои бо ном исломӣ дину шариатро дар байн андохта, чавононро гумрох месозанд. Афсӯс, ки баъзе аз чавонони мо барои ба даст овардани маблаг, ки ба онхо ваъда мекунанд, бо рохи равиш ва хати кашидаи тундгароён равонӣ мешаванд. Тарки Ватан мекунанд. Баъзе аз чавонон бошанд зану фарзандони худро хамрохашон мебаранд. Гумон мекунанд, ки дар он чо онхоро зиндагии хуб интизор аст. Мутаассифона бештари ин чавонон дар мухорибахо халок мегарданд. Кӯдакони маъсум ва хамсари онхо, ки ниёз ба мехри падар доранд, гуломи дари тундгароён мегарданд.

Хадафи асосии созмонхои террористӣ на хифзи дини Ислом, балки фиребу чахолат, катлу куштор ва ба даст овардани кудрату мавкеъ мебошад.

Мо бояд шукргузорӣ аз ватани бихиштосои худ кунем. Фахр аз он кунем, ки туфайли хизматхои бебахои Сарвари давлатамон Асосгузори сулху вахдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Чумхурии Точикистон мухтарам Эмомалӣ Рахмон зери осмони софу бегубор зиндагӣ карда, ватанамонро рӯз то рӯз бо мехнати содикона ободу зебо мегардонем.

**Чурабой Рачабов - имомхатиби масчиди чомеъи Чамоати дехоти Равшани нохияи Зафаробод**